# ТАҚВИМИ САНАҲОИ ҲУМОЮНӢ-2018

ББК 92
УДК 03(083)
Т-39

Бо қарори №11-1/1 (аз 27.11.2017) Шӯрои табъу нашри Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ ба чоп тавсия шудааст.

**Тақвими санаҳои ҳумоюнӣ-2018.** – Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М., Меъроҷ, 2017. – 68 с.

**Муҳаррири масъул**
**Баҳром Мирсаидов**

**Таҳиягарон**
**Мавзуна Ҳамробоева**
**Мунаввара Ҳошимова**
**Рокия Рабиева**
**Мадина Қобилова**

**Мусаҳҳеҳ**
**Шодӣ Ҳасани Шарифниё**

**Веростор**
**Бахтиёр Файзуллоев**

«Тақвими санаҳои ҳумоюнӣ-2018» шомили ахбори дақиқ оид ба солгардҳои чеҳраҳои барҷастаи илм, адабиёт, фарҳанг, тиб, маориф, иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт, саноат, истеҳсолот, кишоварзӣ, замони таъсиси корхонаю муассисаҳо, коргоҳу ташкилот ва соҳаю самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа буда, ба ҳар нафари ҳушманду худшинос ва худогоҳу худсоз тавсия мегардад.

**©Китобхонаи вилоятии оммавии**
**ба номи Тошхоҷа Асирӣ**

## ПАЙВАНДАГАРИ ДИРӮЗУ ИМРӮЗ
**(ба ҷойи пешгуфтор)**

Ҳар сол дар тақвими Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷойгоҳ ва нақши худро дорад. Сокинони мамлакат ҳамасола бо раҳбариву ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ободу зебо сохтани рӯзгори хеш ва таҳкими пояҳои ваҳдату ҳамдилӣ саъй менамоянд. Дар баробари намояндагони қишрҳои дигари ҷомеа китобдорону китобшиносон низ баҳри баланд бардоштани дараҷаи саводандӯзӣ ва маърифати мардум талош меварзанд. Онҳо бо баргузории конфронсҳои илмӣ, конфронсҳои хонандагон, маҳфилҳои муаррифии китобҳо, мизҳои мудаввар, шабҳои адабию ёдбуд, намоишҳои бошукӯҳи китобию матбуотӣ, хулосаҳои китобшиносӣ, ташкили феҳрастҳои мавзӯӣ, манзур кардани рӯйхатҳои тавсиявӣ ва даҳҳо чорабиниҳои дигар ҷиҳати афзун сохтани муҳаббати омма ба китобу сарчашмаҳои дониш ва арзишҳои олии умумиҷаҳониву умумимиллӣ заҳмат мекашанд.

Барои сари вақт доир кардани чорабиниҳои ёдшуда ва дар сатҳи баланди тахассусӣ таҷлил намудани онҳо ба таври анъанавӣ китобшиносони шуъбаҳои маълумотдиҳӣ-библиографӣ ва табъу нашр дар заминаи омӯзиши манбаъҳои мухталиф тақвими муҳимтарин ҷашну падидаҳоро бо номи «Тақвими санаҳои ҳумоюнӣ» омода менамоянд.

Гуфтан зарур аст, ки тақвими мазкур дар баробари китобшиносону китобдорон, инчунин ба кулли омӯзгорон, масъулони бахши кор бо мутахассисони муассисаҳо, роҳбарону масъулони кумитаҳои иттифоқҳои касабаи соҳаҳои гуногун, ҳамзамон ба алоқамандони маориф, илм, сиёсат, иқтисод ва иҷтимоиёт зарур аст.

Тақвим имкон медиҳад, ки масъулону дастандаркорон бо падидаҳои муҳими соли нав, санаҳои асосӣ, рӯзҳои муайяни таҷлили иду маросим, ҷашнҳо, солгардҳои олимону муҳаққиқон, донишмандону файласуфон, табибон, муҳандисон, иқтисодшиносон, сиёсатмадорон, адибон, мутрибону ҳофизон, ҳунармандони театру кино, пешравони соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолот, саноат, боғбонону чорводорони соҳибтаҷрибаву соҳибмактаб, рустанипарварони номӣ ва амсоли инҳо дақиқан огоҳ бошанд.

Нуктаи дигари басо муҳим он аст, ки ҳоло дар қаламрави вилоят 355 китобхонаи низоми фарҳанг амал менамояд ва Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ вазифаи раҳбарии маънавӣ ва дастурию соҳавиро нисбат ба ин муассисаҳои фарҳангӣ бар дӯш дорад.

Аз ин рӯ, китобдорону китобшиносон бо истифода аз ин тақвим чорабиниҳои манфиатовар баргузор намуда, дар танзиму тартибу таблиғи фармонҳо, маърӯзаҳо, гузоришҳо, мақолаҳо, рисолаҳо ва китобҳои Пешвои миллат, қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ, нигоҳдориву маънидоди қонунҳо, дастурҳо, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, кодексҳо нақши намоён мегузоранд.

«Тақвими санаҳои ҳумоюнӣ-2018» ба муносибати 27-солагии Истиқлолияти давлатӣ, 25 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, инчунин ба ифтихори 1430-солагии устоди мусиқӣ Борбади Марвазӣ, 1090-солагии мунаҷҷим Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, 1065-солагии шоири форсу тоҷик Абулҳасан Маҷидуддин Исҳоқи Кисоӣ, 970-солагии олим ва шоири форсу тоҷик Умари Хайём, 920-солагии шоира Маҳастии Хуҷандӣ, 780-солагии шӯриши Бухоро таҳти роҳбарии Маҳмуди Торобӣ, 480-солагии шоир Абдураҳмон Мушфиқӣ, 230-солагии шоир Нозили Хуҷандӣ, 230-солагии шоир Маъдани Понғозӣ, 195-солагии шоир Абдулқодирхоҷаи Савдо, 140 - солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷик,

Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, 140-солагии шоирон Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Карим-девона, 125 - солагии Розия Озод, 120 -солагии шоири машҳур Лутфӣ Обидхӯҷаев, 115-солагии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, коргардон Комил Ёрматов, 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, 110-солагии Ходимони хизматнишондодаи илму маориф ва адабиёту фарҳанги Соҳибов Шоҳназар, Ҳилол Каримов, Раҳим Ҳошим, Нодир Шанбезода, 105-солагии арбобони сиёсӣ Ҷаббор Расулов ва Абдулаҳад Қаҳҳоров, 105 - солагии нависандаву рӯзноманигор Ҳоҷӣ Содиқ, ҳунарпеша София Тӯйбоева, тарҷумон Ҳабиб Аҳрорӣ, 100-солагии Ҳунарманди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мушаррафа Қосимова, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Фатҳулло Аҳмадов, 95 - солагии шоир Аминҷон Шукӯҳӣ ва академик Раҷаб Амонов, санъатшинос Низом Нурҷонов, 95 -солагии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Энаҷон Бойматова, 90-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Фазлиддин Муҳаммадиев, шоирони дӯстдоштаи кӯдакон Гулчеҳра Сулаймонӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Маҳмадалишо Ҳайдаршо, Ҳунарманди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ойдиной Усмонова, забоншинос Темур Мақсудов, профессорон, адабиётшиносон Расул Ҳодизода, Бароат Ҳоҷибоева, 90-солагии Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Мадаминов, адабиётшиноси маъруф Камол Айнӣ, 90-солагии Омӯзишгоҳи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Поликлиникаи шаҳрии №1 Хуҷанд, 85 - солагии Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 85 - солагии Комбинати консерваи Хуҷанд, Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №44-и шаҳри Хуҷанд, 85 - солагии адабиётшинос Атахон Сайфулоев, шоира Озод Аминзода, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Муслима Боқиева, профессорон Аслиддин Осимӣ, Бахтиёр Почомиров, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мукаррама Қосимова, шоир Ҳайрат Шанбезода, нависанда Бобо Насриддинов, 80-сола-

гии Арбоби илму техника Бозор Назриев, ба ин сана расидани Нависандаи халқии Тоҷикистон Муҳиддин Хоҷазод, дорандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозор Собир, шоир Ҳикмат Раҳмат, академик Талбак Назаров, адабиётшиносон Ҳамроқул Шодиқулов, Юсуф Акбарзода, Рафоат Самадова, муаррихони барҷаста Рақиб Абдулҳаев, Саид Марофиев, Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматҷон Дӯстматов, Ҳунармандони халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акрам Акрамов, Карим Қосимов, нависандаи варзида Додоҷон Раҷабӣ, профессор Ҳамдам Рофиев, оҳангсоз Абдуфаттоҳ Одинаев, забоншинос Абдуқодир Зоҳидов, 75-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғойиб, профессор Соҳиб Зарифов, адабиётшиносон Парвона Ҷамшедов, Мунира Шаҳидӣ, Мавлуда Файзуллоева, шоирон Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ, Султон Шоҳзода, файласуф Мақсудҷон Мирбобоев, 70-солагии дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ҷӯра Ҳошимӣ, шоири зиндаёд Сармад, 70-солагии Ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Зебо Аминзода, ба ин сана расидани узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Муллоаҳмадов, академик Маҳмадшо Илолов, шоирону нависандагони маъруф Зиё Абдулло, Ато Ҳамдам, Равшан Замир, Ғуфрон Рустам, 70-солагии Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Савринисо Сабзалиева, Гулсара Абдуллоева, 65-солагии Раиси вилояти Суғд, муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Қодирӣ, 65 - солагии раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ҷамъиятии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Мирзошоҳрух Асрорӣ, ба ин сана расидани Шоири халқии Тоҷикистон Аҳмадҷони Раҳматзод, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Саидқул Билолов, нависандаи машҳур Сайф Раҳимзоди Афардӣ, шоир Неъмати Оташ, забоншинос Туғралхон Шокиров, 65-солагии дорандаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, профессор Абдулманнон

Насриддинов, Корманди хизматнишондодаи маориф Анвар Ҷалилов, муаррих Шавкат Шарифов, 65- солагии таъсисёбии Беморхонаи шаҳрии №1, Мактаби махсуси мусиқӣ, Стансияи телефонҳои байнишаҳрӣ, Трести бинокорӣ, Техникуми бофандагӣ дар шаҳри Хуҷанд, 60-солагии забоншиносон Абдуҷамол Ҳасанов ва Сайфиддин Мирзозода, адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус, номзадҳои илмҳои физикаю математика Ғафурҷон Усмонов, Раҳимҷон Назаров, Муъминҷон Шамсиддинов, 55- солагии Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёту санъат ва меъморӣ, 55-солагии шоири хушбаён Толиб Карими Озарахш ва дигар санаҳои муҳими илмиву таърихӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Бовар дорем, ки китобдорону китобшиносон, масъулони шуъбаю бахшҳои фарҳанги шаҳру навоҳӣ, устодону омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳо, макотиби миёна, коллеҷу омӯзишгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангиву иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тақвимро барои қадршиносии меҳнату фидокориҳои чеҳраҳои барҷастаи ҳар давру замонҳо, ёдоварии осору зиндагиномаи бузургон, сармашқи наврасону ҷавонон қарор додани рӯзгори ибратомӯзи пешқадамони саноату истеҳсолот, илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, таҷрибаандӯзӣ аз фаъолиятҳои густурдаи ходимони ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон огоҳона истифода менамоянд.

«Тақвими санаҳои ҳумоюнӣ - 2018» барои барномарезӣ ва баргузории чорабиниҳои гуногун раҳнамои хуб ба шумор рафта, гузаштаи пурбору омӯзандаро бо имрӯзуояндаи пурифтихор мепайвандад.

**Баҳром Мирсаидов, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ**